Мувофиқа шуд,
вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон

__Файзиддин Қаҳҳорзода
аз « 12 » январи соли 2022

тасдиқ шудааст
Бо фармоиши раиси Кумитаи
андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз « 07 » январи соли 2022, №3-Ф

# Дастурамал
# оид ба андозбандии фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамал оид ба андозбандии фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво (минбаъд – Дастурамал) татбиқи дурусти истифодабарии имтиёзҳои андозии низоми содакардашудаи андозбандии фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорворо муайян менамояд.

2. Низоми мазкур нисбат ба шахсони ҳуқуқӣ, филиалҳои онҳо, намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво фаъолият менамоянд, татбиқ мегардад.

## 2. ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗӢ

3. Субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво (минбаъд-субъектҳои хоҷагидорӣ) аз супоридани андозҳои зерин озод мебошанд:

- андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ;
- андоз аз арзиши иловашуда;
- андоз аз объектҳои ғайриманқул;
- андози замин.

4. Воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва (ё) воридоти молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худии субъектҳои хоҷагидорӣ аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд. Дар ҳолати таҳвил додани молҳои воридотӣ ба бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, чунин амалиёт бо андоз аз арзиши иловашуда, боҷи гумрукӣ ва дигар андозҳо бо тартиби умумии муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон андозбандӣ карда мешаванд.

Эзоҳ: Мисол. ҶДММ «А» ба фаъолияти парандапарварӣ машғул буда, бо мақсади рушди фаъолият 100 адад таҷҳизоти автоматикунонидашудаи ғизодиҳии парандаро ворид намуда, 90 адади онро истифода ва 10 адади боқимондаро ба субъекти дигар мефурӯшад. Дар ин ҳолат ҶДММ «А» уҳдадор мегардад, ки вобаста ба фурӯши 10 адад таҷҳизоти боқимонда

андоз аз арзиши иловашуда, боҷи гумрукиро ба буҷети дахлдор пардохт намояд. Яъне, имтиёзи андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ дар он ҳолат татбиқ мегардад, ки воридоти технологияву таҷҳизот ва маводҳо танҳо барои таъминоти соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва эҳтиёҷоти худи субъектҳои хоҷагидорӣ истифода карда шавад.

5. Субъектҳои хоҷагидорие, ки дар як вақт намудҳои гуногуни фаъолиятро амалӣ менамоянд ва барои онҳо дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон шартҳо ва низомҳои гуногуни андозбандӣ муқаррар гардидааст, уҳдадоранд баҳисобгирии ҷудогонаи объектҳои андозбандиро дар асоси нишондиҳандаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, аз рӯи чунин шартҳо ва низомҳо анҷом диҳанд. Яъне ҳангоми аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ дар баробари фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво анҷом додани дигар намудҳои фаъолиятҳо, чунин субъектҳои хоҷагидорӣ тибқи муқарраротти боби 13 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадоранд баҳисобгирии ҷудогонаи объектҳои андозбандиро пеш баранд.

6. Имтиёзҳои пешбининамудаи бандҳои 3 ва 4 Дастурамал танҳо ба фаъолияти парандапарварӣ, моҳмпарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво татбиқ мегардад. Дигар амалиётҳои субъектҳои хоҷагидорӣ, ки ба ин фахолият алоқамандӣ надорад, тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозбандӣ мегарданд.

Эзоҳ: Мисоли 1. ҶДММ «А» дар баробари фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво, инчунин ба фаъолияти консервабарорӣ машғул мебошад. Дар ин ҳолат, барои мақсадҳои татбиқи имтиёзҳои андозӣ ҷамъият уҳдадор аст, ки тибқи талаботи боби 13 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳисобгирии ҷудогона аз рӯи намудҳои фаъолиятро пешбурда, аз даромадҳои аз ҳисоби фурӯши консерва бадастомада андозҳои дахлдорро (бо низоми содакардашуда ё умумӣ) тибқи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб ва пардохт намояд.

Мисоли 2. Соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ба фаъолияти парандапарварӣ машғул буда, объекти ғайриманқули масоҳати умумиаш 300 м$^2$ - ро соҳиб мебошад. Соҳибкор мустақиман 200 м$^2$ онро ба фаъолияти парандапарварӣ ва боқимонда 100 м$^2$ объекти ғайриманқулро ба дигар намуди фаъолият истифода мебарад. Дар ин ҳолат, соҳибкор аз пардохти андоз аз объектҳои ғайриманқул аз рӯи масоҳати 200 м$^2$ озод буда, аз ҳисоби 100 м$^2$ уҳдадор аст, ки тибқи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохти андоз аз объектҳои ғайриманқулро ба буҷети дахлдор таъмин намояд.

Мисоли 3. Хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)-и «Ш» барои пешбурди фаъолияти моҳипарварӣ 100 м$^2$ объектҳои ғайриманқулро аз ҶДММ «Б» ба иҷора гирифтааст. Дар ин ҳолат, гарчанде хоҷагӣ ҳамчун субъекти хоҷагидорӣ дар соҳаи парандапарварӣ озод бошад ҳам, ҶДММ «Б» ҳамчун соҳибмулк ва иҷорадиҳанда мутобиқ ба муқарраротти Кодекси андози Ҷумҳурии тоҷикистон уҳдадор аст, ки аз рӯи 100 м$^2$ объекти ғайриманқули

ба иҷора додашуда андоз аз объектҳои ғайриманқулро ҳисоб ва ба буҷет пардохт намояд.

## 3. МУҚАРРАРОТИ МАЪМУРӢ

7. Субъектҳои хоҷагидорӣ тибқи муқаррароти боби 11 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадор мебошанд, ки ҳама гуна муомилоти пулӣ ҳангоми фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пули нақд, кортҳои пардохти бонкӣ ва шаклҳои дигари пардохти электронӣ бо истифодаи ҳатмии дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ анҷом диҳанд.

8. Новобаста аз он ки субъектҳои хоҷагидорӣ дар низоми махсуси андозбандӣ фаъолият менамоянд, онҳо тибқи муқаррароти боби 13 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти андози маҳалли баҳисобгирӣ эъломияҳои андоз бо дарҷи нишондиҳандаҳо, аз ҷумла ҳаҷми даромад ва маблағи имтиёзҳои андозӣ ва ҳисоботи тавозуни муҳосибиро пешниҳод намоянд.

9. Субъектҳои хоҷагидорӣ вобаста ба амалиётҳое, ки аз рӯи онҳо ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда пешниҳод карда нашудааст, уҳдадоранд ҳар моҳ то санаи 10-уми моҳи баъди моҳи ҳисоботӣ ба мақомоти андози маҳалли баҳисобгирӣ маълумот пешниҳод намоянд.

10. Бо мақсади баҳисобгирии имтиёзҳои андозӣ субъектҳои хоҷагидорӣ уҳдадоранд ҳар сол то 1-уми апрел ба мақомоти андоз эъломия (ҳисобот)-и баҳисобгирии имтиёзҳои андоз аз объектҳои молу мулки ғайриманқул пешниҳод намоянд. Барои сари вақт пешниҳод накардани ҳисоботи мазкур ва дар он дохил кардани маълумоти таҳрифшуда, субъектҳои хоҷагидорӣ тибқи муқаррароти қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

11. Субъектҳои хоҷагидорӣ тибқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадоранд дигар андозҳо, аз ҷумла андозҳое, ки дар манбаи пардохт нигоҳ дошта мешаванд, ҳисоб ва ба буҷети дахлдор пардохт намоянд.

## 4. ТАРТИБИ ПУР НАМУДАНИ ЭЪЛОМИЯ (ҲИСОБОТ)-И БАҲИСОБГИРИИ ИМТИЁЗҲОИ АНДОЗ АЗ ОБЪЕКТҲОИ МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛИ СУБЪЕКТҲОИ ХОҶАГИДОРӢ

12. Субъектҳои хоҷагидорӣ ҳуқуқ доранд эъломия (ҳисобот)-ро бо интихоби худ ба тариқи зерин ба мақомоти андоз пешниҳод намояд:

- дар шакли электронӣ;
- тавассути почта;
- шахсан ё тавассути намоянда.

13. Ҳисобот аз 3 қисм иборат буда, қисми 1- «Маълумот дар бораи андозсупоранда», қисми 2 «Маълумот дар бораи имтиёзҳои андоз аз объектҳои ғайриманқул ва андози замин» ва қисми 3 «Тасдиқи дурустӣ ва пуррагии маълумоти дар эъломияи мазкур зикргардида»-ро дар бар мегирад.

14. Ҳангоми пур намудани сатрҳои 1, 2, 3 ва 4 эъломия мувофиқан рақами мушаххаси андозсупоранда, рақами ягонаи мушаххас, номи пурраи субъекти хоҷагидор ва давраи эъломия (ҳисобот) нишон дода мешавад.

15. Маълумот дар бораи имтиёзҳои андоз аз объектҳои ғайриманқул ва андози замин чунин пур карда мешавад:

1) дар сутуни 1 сатрҳои 001 ва 002 масоҳати умумии объектҳои ғайриманқули худӣ ва ба иҷора гирифташуда, дар сатри 003 ҳосили ҷамъи онҳо ва дар сутуни 2 сатри 001 маблағи андоз (имтиёз) нишон дода мешавад.

2) дар сутуни 1 сатрҳои 005 ва 006 масоҳати умумии қитъаи замини худӣ ва ба иҷора гирифташуда қайд гардида, дар сатри 007 ҷамъи масоҳати сатрҳои мазкур инъикос мегардад. Дар сутуни 2 сатри 008 маблаги имтиёзи сатрхои 001 ва 005 нишон дода мешавад.

16. Дурустии маълумоти дар эъломияи андоз қайдшударо субъектҳои хоҷагидорӣ бо имзои худ ва гузоштани мухр тасдиқ менамояд. Дар қисми 3 эъломия санаи пешниҳоди эъломия ва санаи қабули он аз ҷониби мақомоти андоз қайд карда мешавад.

## 4. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

17. Амали муқаррароти низоми содакардашудаи андозбандии фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво аз 1 январи соли 2024 қатъ карда мешавад.

18. Назорати истифодабарии низоми содакардашудаи андозбандии фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво аз ҷониби мақомоти андоз амалӣ карда мешавад.

Замимаи 2
ба фармоиши раиси Кумитаи
андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон
аз «07» январи соли 2022, №3-Ф

Маълумот дар бораи фурӯши маҳсулот аз ҷониби ___________________________
____________________________________________________________________________
(ном ва рақами мушаххаси андозсупоранда)

____ ________ соли 20___
(санаи пешниҳоди маълумот)

| № | Номгӯйи харидорон | РМА | Номгӯйи мол, маҳсулот | Воҳид | Миқдор | Нархи як воҳид | Арзиши умумӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |

Замимаи 3
ба фармоиши раиси Кумитаи
андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон
аз «07» январи соли 2022, №3-Ф

# Эъломия (ҳисобот)-и баҳисобгирии имтиёзҳои андоз аз объектҳои молу мулки ғайриманқул

## 1. Маълумот дар бораи андозсупоранда

1 РМА □□□□□□□□□ 2 РЯМ □□□□□□□□□□

3 Номи пурраи андозсупоранда

4 Давраи ҳисобот соли □□□□

## 2. Маълумот дар бораи имтиёзҳои андоз аз объектҳои ғайриманқул ва андози замин

| Рамзи сатр | Номгӯйи объект | Нишондаҳандаҳо (1) | Маблағи андоз (имтиёз) (2) |
|---|---|---|---|
| 001 | Масоҳати умумии объектҳои ғайриманқули худӣ (м²) | | |
| 002 | Масоҳати умумии объектҳои ғайриманқули ба иҷора гирифташуда (м²) | | |
| 003 | Ҳамагӣ (сатри 001 + сатри 002) | | |
| 004 | Маблағи имтиёз | | |
| 005 | Масоҳати умумии қитъаи замини худӣ (гектар) | | |
| 006 | Масоҳати умумии қитъаи замини ба иҷора гирифташуда (гектар) | | |
| 007 | Ҳамагӣ (сатри 005+ сатри 006) | | |
| 008 | Маблағи имтиёз | | |

## 3. Тасдиқи дурустӣ ва пуррагии маълумоти дар эъломияи мазкур зикргардида

Мо (ман) барои пуррагӣ ва дурустии маълумоти дар эъломияи мазкур дарҷгардида тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошем (ам).

Аз худудҳои муқарраршуда набароед!
____________________/__________/
Насаб, ном ва номи падари роҳбар Имзо

Аз ҳудудҳои муқарраршуда набароед!
____________________/__________/
Насаб, ном ва номи падари сармуҳосиб Имзо

Аз худудҳои муқарраршуда набароед!
____________________/__________/
Насаб, ном ва номи падари нозири эъломияро қабулнамуда Имзо

Аз худудҳои муқарраршуда набароед!
____________________/__________/
Кайд оид ба қабули эъломия

Ҷ.М.

Санаи пешниҳоди эъломия □□□□□□□□
рӯз моҳ сол

Санаи қабули эъломия дар мақомоти андоз □□□□□□□□
Рӯз моҳ сол

Ҷ.М.

Рамзи мақомоти андоз □□